**Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**«Дар бораи муайян намудани мақоми давлатӣ оид ба ҳифзи ихтироот ва кашфиёти махфӣ»**

Мутобиқи моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтирооти махфӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1) Мақоми давлатӣ оид ба ҳифзи ихтироот ва кашфиёти махфӣ Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот» - и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Идораи патентӣ) муайян карда шавад.

2) Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Идораи патентӣ якҷоя бо Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти масоҳатҳои зарурии истеҳсолӣ, таъмиру тармим, техникаву лавозимоти дигари корӣ, таҷҳизонидан ва ҷойгиркунии мутахассисон (санҷишгарони арзномаҳои ихтирооти махфӣ) бо назардошти таъмини низоми махфият, таклифҳои мувофиқашударо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

3) Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Идораи патентӣ тибқи тартиби муқарраргардида, барои дастрас кардани рухсатномаи махсус ва иҷозатномаҳо оид ба пешбурди фаъолияти махфият, ҷиҳати татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтирооти махфӣ» барои мутахассисони дахлдори (санҷишгарони арзномаҳои ихтирооти махфӣ) Идораи патентӣ, чораҳои зарурӣро саривақт андешанд.

4) Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Идораи патентӣ якҷоя бо Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлати шаш моҳ санадҳои зерқонуниро, ҷиҳати татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтирооти махфӣ» омода намуда, тибқи тартиби муқарраргардида мувофиқа ва тасдиқ намоянд.

5) Идораи патентӣ оид ба бозомӯзӣ ва омӯзонидани мутахассисон (санҷишгарони арзномаҳои ихтирооти махфӣ) барои иҷрои корҳои низоми махфиятдошта ва таҷҳизонидани утоқи корӣ тибқи талаботи низоми махфият дар доираи маблағҳои барои иҷрои Барномаи таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда барои ҷудо намудани маблағ ба Саридораи ҳифзи сирри давлатӣ дархост пешниҳод намояд.

**Раиси**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

**аз 3 декабри соли 2010, №633**
**ш. Душанбе**